## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Бобоева Иноятхон Асроровна** дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои 5-7 зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Рисолаи илмии Бобоева И.А. ба яке аз масъалаҳои муҳим – ташакккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар заминаи таълими осори классикон ҳини дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Воқеан, ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ, ки ба он таваҷҷуҳи донишмандону муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, педагогика, фалсафа, сотсиология, равоншиносӣ вусъат мегирад, аз самтҳои афзалноки таълиму тарбияи насли наврас маҳсуб меёбад.

Рӯй овардани муаллифи рисола ба мавзуи мазкур аз чанд ҷиҳат қобили қабул аст. Аввалан ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудани принсипҳо ва асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ; омилҳои муҳити хонавода, ки ба таълиму тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон таъсири гуногун мерасонанд. Сониян, кофӣ набудани доираи фаъолияти омӯзгорон дар ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон ҳини омӯзиши фанни адабиёти тоҷик, ки сар то по арзишҳои таҳаммулпазириро дар партави осори классикону намояндагони муосири адабиёти миллӣ тараннум ва тақвият мебахшад.

Шиносой бо автореферат собит месозад, ки муаллиф дар самти натиҷагирӣ аз таҳлили консепсияи назариявӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки таърих, назария ва амалияи инкишофи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагонро баррасӣ намудаанд, огоҳии омил ва назари ибратомӯз дорад.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-педагогӣ аз манзари фарзияи асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шарте таъмин мегардад, ки агар модели рушд ва технологияи амалисозии он дар раванди омӯзиши мероси пурғановати осори классикон ҳангоми омӯзиши фанни адабиёти тоҷик таҳқиқ ва ҳаллу фасл шуда бошад. Ҳамчунин меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули таҳаммулпазирии толибилмони макотиби миёна зимни таълими фанни адабиёти тоҷик, истифода аз роҳу усули босамар ва воситаҳои дидактикии фаъолмандии онҳо фаро гирифта шавад.

Дар рисола дар доираи мавзӯи таҳқиқ худи вожаи "таҳаммулпазирӣ" хеле дақиқ ва саҳеҳ таҳлил шудааст. Бино бар гуфтаи муаллифи рисола истилоҳи "**таҳаммулпазирӣ"** ба маънои **пазируфтан, қабул кардан**, **бардоштан**, **тоқат кардан** кор фармуда мешавад**.** Он ҳамчунин бо муродифҳои **сабурӣ, мадоро, саҳл гирифтан, созиш кардан, гузашт кардан, сабру тоқат, собирӣ, таҳаммул** низ дар истеъмол аст.

Муаллифи меафзояд: "Дар осори адабӣ, маъмулан, **таҳаммул** бо мафҳумҳои **мадоро** (мудоро, мудорот), **қаноат, тоқат, шикебо** (шикеб, шикебоӣ, шикебидан, шикебанда), **мувосо, сабр** низ ифода ёфтааст, ки мувофиқи шарҳи "Фарҳанги забони тоҷикӣ" дорои маъниҳои пайгиронаи вожа таҳаммулпазирӣ аст.

Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст. Дар рисола зимни омӯзиш ва баррасии матнҳои дорои мазмуну мундариҷаи баландғояи осори классикон ҳини дарсҳои адабиёти тоҷик дар синфҳои V-VII, ки таълими он, асосан, дар курси хониши адабӣ сурат мегирад, роҳҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагон нишон дода шудааст. Натиҷаҳои бадастомада ва маводи пешниҳодгардидаии рисолаи илмӣ ба омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик бобати дар рӯҳияи хислатҳои

таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои 5-7 ба ҳайси дастури хуби роҳнамо кӯмак хоҳад намуд. Таҳиягарон ва муаллифони барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик нукоти муҳимми дар тадқиқоти мазкур баррасишударо метавонанд ба мавриди омӯзиш ва истифода қарор диҳанд.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои 5-7 зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бобоева Иноятхон Асроровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филология, мудири кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ,
профессор Исрофилниё Ш.
15.02.2023 с.
**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Телефон: (+992) 933670999 (мобилӣ).

Имзои профессор Ш.Исрофилниёро ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ А.Мустафозода